“Тасдиқ мекунам”
Директори Институти биологии
Помир ба номи академик Х.Ю.
Юсуфбекови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, д.и.б.
_____________Абдулназарзода А.Ғ.
“__18__” ____ноябри_____соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Дар тақризи муасисаи пешбар масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» дар баландии зиёда 600 метр аз сатҳи баҳр ба анҷом расонида шудааст. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур, ба ҳалли мушкилоти селексия ва баҳодиҳии хусусиятҳои агроэкологии навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити ҷануби Тоҷикистон бахшида шуда, ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба пуррагӣ мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи тадқиқ.** Боғу токпарварӣ ва ниҳолпарварӣ соҳаҳои афзалиятноки ҷумҳуриамон ба ҳисоб рафта, дар мадди аввали Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Рушди соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла бахшҳои боғу токпарварӣ ва ниҳолпарварӣ масъалаи мубрами рӯз буда, барои дар амал татбиқ намудани ду ҳадафи стратегии мамлакат: таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноаткунонии босуръати кишвар нақши калидиро мебозад. Солҳои охир дар ҷумҳурӣ талабот ба меваю ангур, ки дорои хусусияти шифоӣ ва ғизоии бой мебошанд, зиёд шуда истодааст. Мувофиқи қарори Ҳукумати

шуда истодааст. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 - феврали соли 2022, №76 меъёри истеъмолии меваю ангур дар як сол ба сари як одам 122,5 кг ва дар як шабонарӯз 340 г - ро ташкил медиҳад. Истеҳсоли мева бошад, айни замон ба сари аҳолӣ 85,5 кг рост меояд ва нисбати меъёри муқарарӣ 37 кг кам аст. Агар ба маълумотҳои оморӣ, нисбати ҳолати кунунӣ ва ҳосилнокии боғҳои мавҷуда (анъанавӣ) назар андозем, айни ҳол чандон ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Мувофиқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1-уми январи соли 2025 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ майдони боғ ба 170090,1 гектар расонида шуд. Аз ин нишондиҳанда 137247,0 гектарашро боғҳои ҳосилдиҳанда ташкил медиҳанд. Дар ҷумҳурӣ мева 823,51 ҳазор тонна истеҳсол гардида, ҳосилнокӣ ба ҳисоби миёна 59,7 с/га (5,9 т/га)-ро ташкил медиҳад, ки ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нест. Олу яке аз дарахтони мевадиҳанадаи тез бороварандаю серҳосил ва меваи тару хушки маҳсулоти содиротӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз муаллифи диссертатсия тасмим гирифтааст, ки дар оянда барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ, идома додани рушди соҳаи боғпарварӣ ва таъмини аҳолӣ бо меваҳои тару тозаи олу, дастгирии корхонаҳои коркард, яъне бо ашёи хом, бо меваи тару тоза ва хушконидашуда, афзоиши иқтидори содиротӣ, коҳиш додани вобастагии бозори истеъмолӣ аз маҳсулоти воридотӣ, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, вусъат додани иқтисоди сабз бо муайян намудани хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олуро дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, аз лиҳози илмӣ омӯхта мубрамии мавзуи тадқиқи диссертатсияашро исбот намояд.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидашуда ҳамасола дар ҷаласаи шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ муҳокима гардидааст. Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо оид ба истеҳсолот асоснок карда шуда, ба маълумоти таҳлилӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд, ки дараҷаи эътимоднокии

онҳо бо коркарди оморӣ бо истифода аз барномаи компютерии Microsof Exsel собит шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба тадқиқоти илмӣ асос ёфта, натиҷаи онҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда таъйид шудаанд.

Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти афзалиятноки тадқиқоти илмӣ алоқамандии зич дошта, бо як қатор барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла:

- Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №658);

- "Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, 4 №793);

- "Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020", №790 аз 30.12 .2015;

- "Барномаи илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии АИКТ дар мавзуи «Офаридани навъҳои ба шароити экологӣ устувори дарахтони мевадиҳанда, чормағзшаклон, ситрусиҳо, буттамеваҳо ва такмилдиҳии технологияи парвариши ниҳол ва бунёди боғҳои интенсивӣ" барои солҳои 2016-2020 (РҚД 0116TJ00625) иҷро гардидааст.

**4. Навгонии илмии тадқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Муаллиф асосонок мекунад, ки дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба гузариши марҳилаҳои фенологӣ, хусусиятҳои биоморфологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии 8 навъи нави интродуксионии олу дар шароити агроэкологии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон муайян карда шудааст. Инчунин устувории навъҳо ба касалиҳои асосии занбуруғӣ, дараҷаи осебрасонии ҳашаротҳои зараррасон, ҳосилнокӣ, таркиби биохимиявии мева ва самарнокии иқтисодии навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити минтақа амалӣ карда шудаанд. Корҳои илмӣ тадқиқотии гузаронидаи Фозилов Ҷ.Д. ва таҳлилу баррасии натиҷаҳои тадқиқотҳои он саҳеҳии кори диссертатсиониро собит месозад.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои**

**диссертатсия.** Аҳамияти илмию амалии тадқиқотҳои гузаронида шуда, дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои агроэколгӣ ва селексионии навъҳои нави интродуксионии олу донишҳои нав ба даст оварда, аз натиҷаи омӯзишҳо ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати олу ба ҳисоб меравад.

Тадқиқотҳо собит сохтанд, ки навъҳои нави олу "Кабардинская ранняя» «Блю фри» ва «Стенлей» аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворият ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳо бартарӣ дошта, ҳамчун навъҳои ояндадор ба истеҳсолот пешниҳод намудааст.

Муаллиф собит намудааст, ки нишондиҳандаҳои ҳосилнокии баланди навъҳои "Кабардинская ранняя» «Блю фри» ва «Стенлей» ба баландшавии самаранокии иқтисодии навъҳои нави олуи истеҳсолшаванда, мусоидат мекунад. Муаллиф ба исбот мерасонад, ки аз парвариши навъҳои "Блю фри"-29,4 ҳазор сомонӣ/га, "Стенлей"-25,1 ҳазор сомонӣ/га, "Кабардинская ранняя"-19,6 ҳазор сомонӣ/га дар шароити водигии ноҳияи Данғраи вилояти Хатлон фоидаи соф ба даст имконпазир аст. Тадбиқи пурраи натиҷаҳои илмии ба даст омада дар истеҳсолот метавонад ба сатҳи иқтисодию иҷтимоии аҳолӣ таъсири мусбӣ расонад.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқ.** Муаллиф тадқиқотҳои саҳроию озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда ва муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навҳои олуро дар асоси дастури таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] амалӣ намудааст.

Дар давраи нашъунамои навъҳои нави олу мушоҳидаҳои фенологӣ бо таҳлили аломатҳои гузариши давраҳои сабзиши онҳо, нишондиҳандаҳои биометрии навъҳо, баҳодиҳии ҳосилнокии навъҳои нави олу дар давраи пухта расидани ҳосил, вобаста ба дастурамал ва тавсияҳои методӣ истифода бурда шудаанд. Асоснокии натиҷаи тадқиқот аз рӯйи таҳлили

дисперсионӣ Б.А. Доспехов [1985], санҷида шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаи тадқиқ шаҳодат медиҳад.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқ.** Муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзуи тадқиқотӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили адабиётҳои муаллифони ватаниву хориҷӣ оид ба мавзуи диссертатсияи тақризшаванда, гузаронидани таҷрибаҳои саҳроию озмоишӣ, иҷрои амалии чорабиниҳои агротехникӣ вобаста ба усулҳои таҷрибаҳои саҳроӣ, мушоҳидаҳои фенологию биометрӣ дар навъҳои нав, таҳлили тағйироти миқдорию сифатӣ дар давраи нашъунамои онҳо, баҳодиҳӣ ба ҳосилнокии навъҳои интродуксионии олу, баҳодиҳии натиҷаҳои тадқиқот, муаррифӣ ва баррасии натиҷаҳои гирифташуда, чопи мақолаҳои илмӣ, таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он мазмуни муҳтавои рисола саҳми назаррас дошта, аслияти матни диссертатсияро инъикос менамояд. Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ба 85 % баробар шудааст.

**8. Нашри натиҷаҳои тадқиқ дар мақалаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои тадқиқот дар 13 маводҳои интишорӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз онҳо дар маҷаллаи Федератсияи Россия "Селекция и сорторазведение садовых культур России" (с.2020), 7 фишурдаи мақолаҳо дар маводҳои конференсияҳои илмиву назариявии ҷумҳуриявӣ ба чоп расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқотро дар бар мегиранд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Селексия дарахтони мевадиҳнада омилҳои асосии рушди минбаъдаи соҳаи боғпарварӣ ба ҳисоб меравонд. Дар раванди ба даст овардани навъҳои нав ва зиёд намудани онҳо дар истеҳсолот, мутобиқгардонӣ ба шароитҳои гуногуни агроэкологии минтақаҳои парвариши навъҳои нави ояндадор ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо, баҳри баланд бардоштани самаранокии соҳа метавонанд, нақши муҳимро бозанд. Вале, то кунун масъалаҳои таъсири омилҳои

гуногуни агроэкологии минтақаҳои доманакуҳҳию водигии ҷумҳурӣ ба хусусиятҳои рушду сабзиш ва ҳосилнокии навъҳои нави дарахтони мевадиҳанда, аз ҷумла олу пурра омӯхта нашудаанд. Аз ин ҷост, ки рисолаи илмии мазкур маҳз ба дарёфти роҳҳои ҳалли масъалҳои болозикр дар шароити доманакуҳҳию водигӣ, яке аз минтақаҳои асосии боғпарварии дарахтони донакдор бахшида шудааст.

Бинобар ин, ҳадафи асосии рисолаи мазкур ва мазмуну муҳтавои он ба омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, баҳри истифодабарӣ дар истеҳсолот ва селексия равона гардидааст.

Кори диссертатсионӣ дар 152 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 6 боби асосӣ, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, 16 замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Кор бо 23 ҷадвал, 16 расм ва 12 диаграммаҳо ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 175, аз ҷумла 17 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи тадқиқот асоснок шуда, оварда шудааст, ки рушди соҳаи мевапарварӣ дар радифи дигар бахшҳои соҳаи кишоварзӣ зери назорати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба рушди соҳаи мазкур диққати махсус дода истодаанд. Ҳамзамон, дараҷаи омӯзиши мавзуъ арзёбӣ гардида, ҳадафу вазифаҳо, обеъкту предмети тадқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарию амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** оид ба “Шарҳи адабиёт оид ба мавзуи тадқиқот” муаллиф адабиётҳои зиёди ватанию хориҷиро доир ба мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ҷамъ оварда ҳаматарафа таҳлил кардааст. Боби мазкур аз панҷ фасл иборат буда, таърихи пайдоиш ва тавсифи ботаникии олу, хусусиятҳои биологию агроэкологии навъҳои интродуксионии он, паҳншавӣ ва аҳамияти иқтисодии навъҳои олу,

нақши селексия ҷиҳати ба дастоварии навъҳои нави интродуксионии олу ва парвариши олу дар Тоҷикистон иборат мебошад. Муаллифи диссертатсия ҳамаи масъалаҳои болозикрро дар бобҳои дигари рисолааш бо гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ хеле дақиқ омӯхта, илман асоснок шарҳ додааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** оид ба “Мавод ва методҳои тадқиқот” ва дар фасли “Шароити иқлими хоки макони тадқиқот” таҳлили таркиби агрохимиявии хоки қитъаи таҷрибавӣ дар Институти хокшиносӣ ва агрохимияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузаронида шуда, барои таҳлили хоки қитъаи таҷрибавӣ аз 15 нуқтаи замин хок гирифтааст. Дар ин боб ҳарорати шабонарузии ҳаво, меъёри боришоти минтақаба инобат гирифтааст. Ҳамзамон, натиҷаи таҳлили микдори моддаҳои ғизоӣ дар таркиби хоки Кооперативи тиҷоратию истеҳсолии “Сомонҷон”-и ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон нишон дода шудааст. Ҳамчун объекти таҳқиқот 8 навъҳои нави интродуксионии олу: “Кабардинская ранняя» «Фортуна», «Чачакская лепетитса», «Миробелла», «Визион», «Блю фри», «Стенлей» ва навъи олуи “Анна Шпет” ҳамчун навъи назоратӣ истифода бурда шудаанд. Ҷиҳати гузаронидани тадқиқотҳо усулҳои (методикаҳо) ба талабот ҷавобгӯ истифода бурда шудаанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** “Натиҷаҳои аз тадқиқот бадастовардашуда” ном дошта, муаллиф онро ба 7 фасл ва 5 зерфасл ҷудо намуда, агротехникаи парвариши навъҳои интродуксионии олуро ба пуррагӣ шарҳ додааст.

Дар фасли “Гузариши марҳилаҳои фенологии навъҳои интродуксионии олу” аз оғози давраи нашъунамо сар карда то фаровасии давраи хазонрез ва оромии дарахтон мушоҳидаҳо гузаронида, илман асоснок шарҳ додааст. Муаллиф муқаррар кардааст, ки дар шароити ноҳияи Данғара марҳилаҳои фенологии кушодашавии муғҷаҳои навъҳои интродуксионии олу дар ҷамъи ҳарорати 130$^0$ С, гулкунӣ дар ҳарорати 435$^0$ С, пухтарасии мева дар ҳарорати 1600-2000$^0$ С мегузарад, ки аз

мутобиқ будани шароити обу ҳаворо ба навъҳои олу шаҳодат медиҳад. Дар фасли "Баҳодиҳии ҳосилнокии навъҳои олу" муаллиф қайд менамояд, ки натиҷаи баҳодиҳии ҳосилнокии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғара муайян гардид, ки дар солҳои тадқиқот ҳосилнокии баланд ба ҳисоби миёна дар навъҳои «Блю фри»-15,4т/га, «Стенлей» 13,8т/га ва «Кабардинская ранняя» - 13,8т/га, ташкил дод. Сифатнокии меваҳои тару тоза ва хушкро муаллифи дисертатсия омӯхта қайд менамояд, ки дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳои помологии меваи тару тозаи навъҳои нави интродуксионии олуро ба гуруҳҳо ҷудо карда, таъми хуб ва аъло, ба гуруҳи таъми хуб навъҳои олуи «Визион» (4.5-хуб), «Чачакская лепетитса» (4-хуб), «Миробелла» (4-хуб), «Анна Шпет» (4 хуб) ва «Фортуна» (4-хуб) ва таъми аъло навъҳои «Кабардинская ранняя» (5-аъло), Блю фри» (5-аъло), «Стенлей» (5-аъло) ҷудо намуда, баҳогузорӣ кардааст.

Нисбати хусусиятҳои экологии олу муаллифи диссертатсия ба хулоса омадааст, ки яке аз вазифаҳои аҳамиятнок дар экология ва бой гардонидани муҳити экологӣ бунёди боғҳои олу дар шароити доманакӯҳӣ ва водигӣ мебошад, зеро муҳофизати қабати хок системаи мураккаби серамалиёти қисми болоии литосфера (замин) буда, таркиб, хусусият ва ҳосилнокии он доимо тағийрёбанда аст.

**Дар боби чоруми диссертатсия** "Баҳодиҳии устувории навъҳои нави интродуксионии олу ба омилҳои биотикӣ ва абиотикӣ" ном дошта, дар натиҷаи гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ муаллиф исбот намудааст, ки барои дар истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои нав, ба вуҷуд овардани навъҳои дарахтони мевадиҳанда, аз ҷумла навъҳои дарахтони донакдор мебошад, барои он, ки онҳо ба омилҳои экологӣ (сармо, гармӣ, хушкӣ, шамол, касалию зараррасонҳо) устувор мебошад, чун кӣ ҳар як навъи зери омӯзиш қарор додашударо ифода мекунад. Нишондиҳандаҳои ба даст овардашудаи муаллиф оид ба қобилияти обнигоҳдории навъҳои дурнамои интродуксионии олуи "Станлей", "Блю фри" ва "Кабардинская ранняя" хулосабарорӣ намудааст, ки ин навъҳои

болозикр дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон дар заминҳои кишоварзӣ парвариш кардан ба мақсад мувофиқ аст. Зимни гузаронидани тадқиқотҳо маълум маълум карда шудааст, ки ба касалии монолиоз дарахтони донакдори навъҳои нави олу дучор гардиданд ва дар баробари гузаронидани корҳои агротехникӣ ва коркарди бо маҳлули 1 %-и моеи (Бордосӣ 100г сулфати мисс+100г оҳак/10л/об), навъҳои олуи "Стенлей", "Блю фри" ва "Кабардинская ранняя" нисбат ба дигар навъҳо "Миробелла", "Визион", "Чачакская лепетиса" ва ба навъи назоратии "Анна Шпет" устуворият хуб нишон доданд. Дар боби мазкур ҳамзамон дараҷаи зараровари навъҳои интродуксионии олу аз ҳашаротҳои зарарасон омӯхта шудааст.

**Дар боби панҷуми диссертатсия** маълумот оид ба самаранокии иқтисодии навъҳои интродуксионии олу овардааст. Дар ин боб муаллиф исбот намудааст, ки дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон даромаднокии навъҳои интродуксионии олу аз 4,7 то 127,6 % ташкил дод, ки он аз самаранокии баланди парвариши олу шаҳодат медиҳад. Даромаднокии баланд дар навъҳои олуи «Блю фри»-79,5% «Стенлей»-101,9% ва «Кабардинская ранняя»-127,6% ба қайд гирифта шудааст. Таҳлилҳои гузаронидашуда дақиқ ва саҳеҳ будани тадқиқотҳоро нишон медиҳад ва оид ба ин боб эрод надорем.

**Дар боби шашуми диссертатсия** оид ба "Баррасии натиҷаҳои тадқиқот" таҳлилҳои саҳеҳ доир ба натиҷаҳои корҳои илмии гузаронидашуда ҷамъоварӣ гардида, дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадор ва сифати баланд доштаи навъҳои интродуксионии олуро пешниҳод намудааст, ки баррасии натиҷаҳои тадқиқот ба ҳисоб меравад.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» дар асоси талаботҳои

“Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович ба ихтисоси илмии 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мувофиқат мекунад.

Тадқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад ва ҳақиқатан кори илмии мукаммали ба анҷом расида буда, аҳамияти калони илмию амалӣ дорад. Рисолаи илмӣ дорои ҷанбаҳои баланд ва арзишноки назариявию амалӣ буда, моҳияти ҳосилнокӣ ва самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои олу вобаста ба шароити минтақаи парваришро инъикос менамояд.

12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.

Дар маҷмуъ доир ба натиҷаҳои ба дастовардаи илмии унвонҷӯй, ки дар диссертатсия пешниҳод гаштаанд, чунин эродҳои умумӣ қайд карда мешаванд:

1. Хуб мебуд, ки агар муаллифи диссертатсия натиҷаҳои илмиашонро дар Конфронсҳои байналмилалӣ низ муаррифӣ мекарданд, зеро натиҷаҳои бадастовардашуда арзандаи ин чорабиниҳо ҳастанд. Муаллиф танҳо бо як мақолаи илмӣ дар маҷаллаи Россия (2-М, дар руйхати автореферат) маҳдуд шудааст, шояд ин кифоя бошад?

2. Дар фасли 3.2. -и диссертатсия “Гузариши марҳилаҳои фенологӣ” агар муаллиф ҷадвалҳои 3.1 саҳ.68, 3.2.- саҳ. 72, 3.4. – саҳ. 76, 3.5. – саҳ. 79 на бо тариқи ҷадвал, балки ба таври феноспектр ва ё феноритмика нишон медод, аёнияти нишондиҳандаҳояш даҳчанд беҳтар мешуд.

3. Муаллиф дар руйхати адабиёти истифодашудаи диссертатсия аз 175 номгӯйи адабиётҳо 17-тояшро хориҷӣ ҳисоб кардааст ва ба фикри мо 45 номгӯйи адабиёт ватанӣ (аз олимони Тоҷикистон) ва 130 номгӯй

хориҷӣ ҳастанд, зеро адабиётҳои олимони рус ва дигар давлатҳои аъзои ИДМ-ро низ хориҷӣ шумурдан мумкин аст.

4. Нисбати дигар қисмҳои диссертатсия ва автореферати он эрод надорем, лекин дар матни диссертатсия ва матни автореферат хатогиҳои граматикӣ ба чашм мерасад, ки онҳо аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар тадқиқоти ояндаи диссертатн самаранок арзёбӣ мегардад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори тадқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

13. **Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селксия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби академики АМИТ, доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии озмоишгоҳи мевапарварӣ дар шароити баландкуҳи Институти биологии Помир ба номи академики Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Фелалиев Акрамшо Саидшоевич омода гардидааст.

Тақриз дар шурои олимони Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №11 аз 04 ноябри соли 2025).

Дар ҷаласаи Шурои олимон иштирок доштанд: 17 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ: **тарафдор** - 17 нафар, **зид** нест, **бетараф** нест.

**Раиси ҷаласаи шурои олимон:**
Доктори илмҳои биологӣ, директори Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Абдулназарзода А.Ғ.

**Эксперт:**
сарходими илмии озмоишгоҳи мевапарварӣ дар шароити баландкуҳи Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академики АМИТ, доктори илмҳои кишоварзӣ — Фелалиев А.С.

**Котиби илмии ҷаласаи шурои олимон:** — Исмоилов М.Т.

Имзои Абдулназарзода А.Ғ., Фелалиев А.С. ва Исмоилов М.Т. тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳои Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Наврӯзқулова Л.

ИБП АМИТ • PBI NAST
ШӮЪБАИ КАДРҲО

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, кучаи У. Холдоров, 1.
Тел: (8 352) 280-720, 280-19;
(+992) 93-555-21-17; (+992) 93-786-97-77
E-mail: abdulnazar.70@mail.ru; felaliev@mail.ru

18 ноябри соли 2025